Иттиҳоди Аврупо

# Каналҳои тақсимот(дистрибутсия) барои хушкмева, чормағз ва асал




Тоҷикистон / Қирғизистон
январи 2012с.

Рисолаи мазкур чун дастури ёрирасон барои коркардчиён ва содиргарони чормағз, хушкмева ва асал ва дигар ашхоси манфиатдор ба масоили дастрасӣ ба бозорҳои Иттиҳоди Гумрук (Россия, Беларус ва Қазоқистон) дар Тоҷикистон ва Қирғизистон таҳия гаштааст.

Рисола бо дастгирии молиявии **Иттиҳоди Аврупо** дар чаҳорчӯбаи марҳилаи дуюми барномаи «**Осиёи Марказӣ Инвест**» таҳия ва зиёд шудааст. Масъулияти махсус оиди мундариҷаи нашрияи мазкур ба души ташкилоти **Hilfswerk Austria International** буда, он назари **Иттиҳоди Аврупоро** инъикос наменамояд.

Лоиҳаи: Муносибати интегратсионӣ ба пешбарии корхонаҳои хурд ва миёнаи Осиёи Марказӣ оиди коркарди чормағз, хушкмева ва асал.

Лоиҳа дар ҳамкории зич бо шариконі маҳаллӣ ва байналхалқӣ, ки дар рафти лоиҳа ба рушди сектори истеҳсол ва коркарди маҳсулоти меваю сабзавот дар минтақа саҳми арзанда гузоштаанд, амалӣ мегардад.

**АЗИТ** – Ассосиатсияи зиёиёни илмӣ-техникии Тоҷикистон
www.asti.tj

**НАМСБ** – Ассосиатсияи миллии соҳибкории хурду миёнаи Тоҷикистон
www.namsb.tj

**АППК**
Ассоциация Плодоовощных Предприятий Кыргызстана
www.afve.org

**TES – Марказ** Қирғизистон
www.tes-centre.org

**WIFI** – Институт по Экономическому Содействию при Торговой Палате Австрии
www.wifi.at

## АРЗИ СИПОС

Намояндагии **Hilfswerk Austria International** дар Тоҷикистон сипосгузории хешро ба мумайиз оиди масоили логистика ва савдои байналхалқӣ Олег Самухин барои таҳияи рисолаи мазку рва инчунин ба коркардчиён ва содиргарон дар ҶТ ва ҶҚ, ки дар муайянкунии номгӯи саволҳо барои воридсозӣ ба нашрияи мазкур ширкат варзиданд, баён менамояд.

Инчунин сипоси хосса ба Ассосиатсияи миллии соҳибкории хурду миёнаи Тоҷикистон ва маъмурияти Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» барои саҳмгузорӣ дар таҳияи дастури мазкур иброз мекунем. Муаллифи расм дар муқова- Александр Беленкий(Санкт-Петербург).



Дар бораи муаллиф:

Олег Самухин мумайиз оиди логистика ва савдои байналхалқӣ буда, соҳиби дараҷаҳои Магистри Идоракунии соҳибкорӣ (MBA) ва Магистри илмҳо (MSc) дар Логистика ва Идоракунии Занҷири Таҳвили Донишгоҳи Кренфилди Британияи Кабир мебошад. Аз соли 1998 Олег аъзои институти касбии логистикаи Chartered Institute of Logistics and Transport (Британияи Кабир) маҳсуб меёбад. Олег дар ширкатҳои нақлиётӣ-логистикии байналхалқӣ дар Россия фаъолият бурда, лоиҳаҳои нақлиётӣ-логистикиро, ки аз тарафи Иттиҳоди Аврупо, СММ, ЮСАИД, ЕЭК ва Бонки Рушди Осиё маблағгузорӣ шудааст, амалӣ намудааст. Вай инчунин дорои таҷриба ва малакаи дарсдиҳӣ аз Логистика, Идоракунии лоиҳаҳо, Менеҷменти истеҳсолӣ дар мактабҳои соҳибкорӣ ва тренингҳои корпоративӣ мебошад.

# Мундариҷа


| | | |
|---|---|---|
| | Муқаддима | 5 |
| 1. | ТАВСИФИ МАҲСУЛОТ ВА ҶУҒРОФИЯ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ТАШКИЛИ ТАҚСИМОТИ ХУШКМЕВА, ЧОРМАҒЗ ВА АСАЛ | 6 |
| 2. | ТАЛАБОТИ БОЗОРҲО ВА ТАЪСИРИ ОНҲО ДАР БУНЁДИ ДИСТРИБУТСИЯИ ХУШКМЕВА, ЧОРМАҒЗ ВА АСАЛ | 8 |
| 3. | ДОЛОНҲОИ НАҚЛИЁТӢ | 16 |
| 4. | АМАЛИЁТҲОИ НАҚЛИЁТӢ ВА ОПЕРАТОРҲОИ НАҚЛИЁТӢ | 19 |
| 5. | ҶОЙГИРИИ АМАЛИЁТҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ЗАХИРАҲОИ МОЛӢ | 22 |
| 6. | НИГОҲДОРӢ, НИШОНГУЗОРӢ ВА НАҚЛИ МОЛ | 26 |
| 7. | ХАРИДУФУРӮШИ ТИҶОРАТИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ | 28 |
| 8. | ХУЛОСА | 30 |

## Ихтисораҳо

| | |
|---|---|
| ИА | Иттиҳоди Аврупо |
| БРБ | Боркашонии Роҳии Байналхалқӣ (системаи TIR) |
| ИДМ | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил |
| МОИ | Минтақаи Озоди Иқтисодӣ |
| ТРАСЕКА | Барномаи Нақлиётии Иттиҳоди Аврупо<br>Долони Нақлиётии Аврупо – Кавказ – Осиёи Марказӣ |

## Луғат

| | |
|---|---|
| Бренд | Нишона(тамға)-и молӣ - истилоҳ дар маркетинг, ки дорои рамзи маҷмӯи маълумот оиди ширкат, маҳсулот ва хизмат аст; мафҳуми рамзии оммафаҳм ва зуд шинохташавандаи ягон истеҳсолкунанда ва ё мол буда, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳимоя шудааст |
| Дистрибутсия | Ин маҷмӯи функсияҳои ба ҳам алоқаманде, ки дар равиши тақсимоти ҷараёни маводӣ байни харидорони мухталиф амалӣ мегардад. Ҳамин-тавр, логистикаи тақсимотӣ ё тақсимоти ҷисмонӣ(бевосита)- ин фаъолиятест, ки бо гирифтани маҳсулот, нигоҳдории он то ба лаҳзаи гирифтани фармоиш ва расонидани он ба мизоҷ мебошад. |
| Кастомизатсия (мувофиқкунӣ) | «Тайёр намудани маҳсулоти оммавӣ аз рӯи фармоиши муайяни истеъмолкунанда тавассути пурра кардани он бо унсурҳои иловагӣ ва лавозимот».Бо ибораи осон гуфтан мумкин, ки кастомизатсия – ин мувофиқкунии маҳсулоти мавҷуда барои мизоҷ(истеъмолкунанда)-и муайян аст. |
| Канали тақсимот | Маҷмӯи ширкатҳо ва шахсони алоҳидае, ки ҳуқуқи молу мулкиро ба ягон мол ё хизмати муайян ҳангоми хатсайри онҳо аз истеҳсолкунанда то ба истеъмолкунанда ба ӯҳдаи худ мегиранд ё барои ба каси дигар додан кӯмак мекунанд. |
| Консолидатсия (муттаҳидкуни)-и бор | Муттаҳид кардани борҳои якчанд ирсолкунандагони мухталиф барои минбаъда молкашонӣ бо як нақлиёт. Ин тарҳ ба сарфа намудани миқдори зиёди маблағ ва инчунин осонкунии тартиби танзими ҳуҷҷатҳо имконият медиҳад. |
| Логистика | Идоракунии стратегии ҷараёни маводӣ дар равиши харид кардан, таъмин кардан, кашондан, фурӯхтан ва нигоҳдории маводҳо, ҷузъҳо ва асбобу анҷом(мол)-и тайёр аст. |
| Логистер | Ширкати нақлиётӣ-логистикӣ, ки ба мизоҷони худ ҳама маҷмааи зарурии хизматҳои нақлиётӣ - логистикиро фароҳам оварда метавонад. |
| Нақлиёти мултимодалӣ | Кашондани бор\мол бо ду ё зиёда намудҳои нақлиёт дар асоси шартномаи ягона |
| Ритейлер | Ширкати тиҷоратӣ(шабакаи тиҷоратӣ), ки маҳсулотро ба истеъмолкунандагон(мизоҷон)-и охирин мефурӯшад |
| Аз соҳибкор ба соҳибкор(B2B) | Business to Business – фурӯши маҳсулот ба мизоҷони корпоративӣ |
| Аз соҳибкор ба истеъмолкунанда (B2C) | Business to Consumer – фурӯши маҳсулот ба истеъмолкунандагон(мизоҷон)-и охирин(шахсӣ) |

Ҳуҷҷати мазкур тавсифи мухтасари унсурҳои асосии сохтори тақсимоти ширкатҳоро дар бахши хушкмева, чормағз ва асал манзур менамояд. Мундариҷаи ин ҳуҷҷат таҷрибаи ҳаматарафаи бунёди сохтори фуруш ва тақсимот(дистрибутсия)-ро нишон дода, инчунин оиди истифодаи ин таҷрибаи ҳаматарафа дар рафти амалу фаъолияти истеҳсолкунандагони тоҷику қирғиз ва содиркунандагони хушкмева, чормағз ва асал пешниҳодҳо медиҳад.

Ҳуҷҷати мазкур барои хонандагоне муфид хоҳад буд, ки бо асосҳои маркетинг ва логистика шиносӣ доранд. Бо вуҷуди ин, аслан, ҳуҷҷат барои гузаронидани сессияҳои иттилоотӣ чун санади ёрирасон истифода мегардад, ки дар он консепсияҳо ва усулҳои бунёди логистика ва тақсимоти бевосита(ҷисмонӣ) ва ҳамзамон консепсияҳои инкишофи каналҳои тақсимоти хушкмева, чормағз ва асал мавриди муҳокима қарор мегирад.

Барои фаҳмидани он, ки тақсимот(дистрибутсия)чист, овардани якчанд шарҳу тавзеҳот ҷоиз аст. Инак, шарҳи аз ҳама маъмули «дистрибутсия»- ин тақсимоти молҳо то истеъмолкунандаи охирин (шарҳ аз курси классики маркетинг). Шарҳи дигар: «дистрибутсия»- ин ташкили ҳаракати молҳо аз истеҳсолкунанда то ба харидор(шарҳ аз курси логистика).

Шарҳи алтернативии «дистрибутсия» - ин интихоби боидроки сохтору воситаҳо аз тарафи истеҳсолкунанда, ки барои то ба истеъмолкунандаи охирин расидан «имконият» медиҳанд.

Муҳим он аст, ки зери мафҳуми дистрибутсия ҳам занҷири фуруш аз истеҳсолкунанда тавассути миёнаравони тиҷоратӣ то ба харидори охирин ва инчунин зарурияти иҷрои амалиётҳои пайдарпайи логистикӣ барои расонидани мол то ба харидори охирин фаҳмида мешавад.

Аз ин лиҳоз, дар ҳуҷҷат қисматҳои зерин, ки барои тақсимоти(дистрибутсия) таъсирбахш(бевосита)-и хушкмева, чормағз ва асал заруранд, мавриди муҳокима қарор мегиранд:

- Тавсифи ҷуғрофии бозорҳо ва хусусиятҳои логистики маҳсулот, таъсири онҳо ба интихоби нақлиёт ва каналҳои тақсимот
- Сохтори каналҳои фуруш ва тақсимот
- Хатсайри нақлиётӣ
- Операторҳои нақлиётӣ ва миёнаравони логистикӣ
- Ҷойгирии амалиётҳои истеҳсолӣ ва захираҳои мол
- Раванди нақлиётӣ-логистикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ
- Равиши нақлиётӣ-логистикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ
- Шартҳои таҳвил дар харидуфурӯши тиҷоратии байналхалқӣ

Қисмати ҷамъбастии рисола ҳама нуқтаҳои асосиро ба тартиб даровარда, заминаро барои мубоҳиса ҳангоми сессияи иттилоотӣ мегузорад.

# 1. ТАВСИФИ МАҲСУЛОТ ВА ҶУҒРОФИЯ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ТАШКИЛИ ТАҚСИМОТИ ХУШКМЕВА, ЧОРМАҒЗ ВА АСАЛ

Тақсимоти хушкмева, чормағз ва асал аз Тоҷикистон ва ҷануби Қирғизистон бо як қатор омилҳое, ки ба мушкилоти раванд таъсир мекунанд, тавсиф карда мешавад.

Дар навбати аввал бояд сохти геополитикиро ба назар гирифт, ки ба раванди содирот аз Тоҷикистону Қирғизистон таъсири манфии назаррас мерасонад. Сараввал ин марбут аст ба манъ кардани воридоти маҳсулоти истеҳсоли Тоҷикистону Қирғизистон ба бозорҳои асосии истеъмол мебошад. Аз як тараф, дар Россия манъкуниҳо оиди воридоти хушкмеваҳо аз Тоҷикистон ва таҳдидҳои минбаъда аз тарафи мақомотҳои назорати фитосанитарӣ оиди ҷорӣ кардани манъкунии такрорӣ беасос нестанд. Бехатарии маҳсулоти аз Тоҷикистон овардашуда, на ҳама вақт аз тарафи истеҳсолкунанда ва мақомотҳои назорати фитосанитарӣ ва ветеринарии Тоҷикистон кафолат дода мешавад. Аз тарафи дигар, манъкунии воридоти хушкмева ва чормағз, яке аз воситаҳои фишори Россия ба роҳбарияти ҶТ дар ҳалли масоили сиёсии хеш дар минтақа метавонад бимонад.
Бо пайдоиши Иттиҳоди Гумрук ва Фазои Ягонаи Иқтисодии Россия, Қазоқистон ва Беларус, ба ҳокимияти се давлат зарур аст, ки сиёсати иқтисодии хешро ҳамоҳанг созанд ва умедворӣ ҳаст, ки манъкуниҳои камасос дигар ҷорӣ карда намешаванд.

Омили душвори дигаре, ки ба бурда расонидани ҷисмонии маҳсулот таъсир мекунад, ин транзит оиди кишварҳои ҳамсарҳад мебошад. Аксарияти сиёсатшиносон имконоти ба наздикӣ беҳтаршавии муносибатҳои байни Тоҷикистону Узбекистонро (ва инчунин беҳтаршавии муҳими муносибатҳои Узбекистон бо кишварҳои ҳамсоя) намебинанд. Бидуни ин, кишварҳои Осиёи Марказӣ бар зидди коррупсия муборизаи воқеӣ намебаранд, ки ин боз ҳам ба бадтаршавии раванди аз сарҳад гузаштан меорад. Аз тарафи дигар, ташкили Иттиҳоди Гумрук ва ҳамроҳшавии эҳтимолии Қирғизистон(дар 2-3 соли наздик) имкон медиҳад, ки бо рафти вақт миқдори кишварҳои транзитӣ барои содиргарони тоҷик кам гардад.

Бар мухолифати ҷуғрофия ва сиёсат, ки ба логистикаи содироти хушкмева, чормағз ва асал аз Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонанд ва хоҳанд расонид, тавсифоти маҳсулот барои боркашонӣ ба масофаи дур ба қадри кофӣ қулай мебошад. Барои раванди нақлиётӣ тавсифоти зерин муҳиманд:

- Арзиш
- Зичии ҷисмонӣ ва суроб(шакл)
- Хавфи осеб ё вайроншавӣ
- Хавфи гумшавӣ

Ҳар яке аз маҳсулоти зикршуда(хушкмева, чормағз, асал) мӯҳлати дарози нигоҳдошт ва арзиши на он қадар баланд дошта, хавфи баланди гумшавӣ надоранд ва барои боркашонӣ ва нигоҳдорӣ қулай мебошанд. Чунин маҳсулот барои боркашонӣ тавассути нақлиёти роҳи оҳан хеле мувофиқ аст. Иловатан он барои боркашонӣ ба масофаи дур то ба харидорони асосии маҳсулот дар Россия ва Қазоқистон муҳим аст.

*Расми 1. Хушкмеваҳо ва чормағзҳо барои нигаҳдорӣ, боркашонӣ ва фурӯш қулай мебошанд. Расм:* http://www.turizm.ru/turkmenistan/gallery-38978



Бо назардошти тавсифи маҳсулот ва ҷуғрофияи маҳсулоти дар боло зикршуда, ҳангоми бунёди сохтори дистрибутсия(тақсимот)-и хушкмева, чормағз ва асал омилҳои зеринро бояд ба назар гирифт:

- Инкишофи бозорҳои алтернативии фурӯш. Бозори Россия ва Иттиҳоди Гумрук барои истеҳсолкунандагони тоҷик на танҳо бо сабабҳои объективӣ, балки бо сабабҳои сиёсӣ метавонад маҳкам гардад. Бо вуҷуди ин арзиши расонидани маҳсулоти тоҷик ба Қазоқистону Россия (махсусан, Сибири Ғарбӣ, Урал ва Поволже) рақобатнок аст. Аммо дар ин бозорҳо, маҳсулоти тоҷик бо маҳсулоти сифатан қиёс аз Узбекистон рақобат мекунад. Ҳангоми таҳвил ба Украина ва Иттиҳоди Аврупо, молкашонии маҳсулоти тоҷик назар ба молкашонии маҳсулоти туркӣ гаронтар мегардад.
  Аз ин рӯ, баромад ба бозорҳои нав бояд бо фаъолияти таҳияи тамғаи шинохта, беҳтар намудани борпечонӣ (махсусан, истифодаи маводҳои истеъмолии хурд барои борпечонӣ(снекҳо)), беҳтар намудани навъҳои маҳсулот(аз он ҷумла пешбарии омехтаҳои чормағзу хушкмеваҳо дар снекҳо) пайваста бошад.
- Мавҷуд будани долонҳои алтернативии бурдарасонӣ. Омили асосии дигар намудани воситаи бурдарасонидани маҳсулот аз Тоҷикистон ба бозорҳои Иттиҳоди Гумрук ин воридшавии Қирғизистон ба Иттиҳоди Гумрук мебошад. Гарчанде ба вуқӯъ пайвастани ин ҳодиса дар соли 2012 аз эҳтимол дур аст. Аммо роҳбарияти сиёсии Ҷумҳурии Қирғизистон оиди нақшаҳои воридшавии ҷумҳурӣ ба Иттиҳоди Гумрук баён намуд ва роҳбарияти сиёсии кишварҳои Иттиҳоди Гумрук Ҷумҳурии Қирғизистонро даъват намуд, ки барои воридшавии ҷумҳурӣ ба Иттиҳоди Гумрук раванди омодагиро оғоз намояд. Ҳангоме, ки сарҳади Иттиҳоди Гумрук дар якчанд километр дурӣ аз Исфара ҷойгир мешавад, содиргарон барои амалигардонии консолидатсия(муттаҳидкунӣ), коркард, борпечонӣ ва ҳамлу нақли мол аз вилояти Баткени Қирғизистон бештар мароқ зоҳир мекунанд, на аз вилояти Суғди Тоҷикистон. Нақши бузургро дар бурдарасонидани молҳо долони автомобилӣ тавассути Қирғизистон соҳиб мешавад. Дар ин ҳолат, қисми мол то истеъмолкунандагони охирин тавассути нақлиёти автомобилӣ ва қисме, бо воситаи муштарак(кашондани бор бо мошин то Бишкек ё то стансияи Луговой), ва баъдан - бо нақлиёти роҳи оҳан кашонда мешавад.

## 2. ТАЛАБОТИ БОЗОРҲО ВА ТАЪСИРИ ОНҲО ДАР БУНЁДИ ДИСТРИБУТСИЯИ ХУШКМЕВА, ЧОРМАҒЗ ВА АСАЛ

Бунёд ва ташкили каналҳои фурӯш ва тақсимот(дистрибутсия)-и ҷисмонӣ аз сегментҳои бозор вобастагӣ дорад, ки истеҳсолкунанда хизматрасонии онҳоро ба нақша мегирад. Пеш аз бунёди сохтори дистрибутсия, ба саволҳои зерин равшанӣ андохтан лозим аст:

- *Ҳаҷм ва ҳиссаи фурӯш дар бозорҳои истеъмолӣ(B2C) ва истеҳсолӣ(B2B).* Талабот ба намуди зоҳирӣ ва борпечи истеъмолии мол дар бозори истеҳсолӣ назар ба бозори истеъмолӣ пасттар аст. Аммо талабот ба сифати мол, эътимоднокӣ ва сифати логистика баъзан назар ба бозорҳои истеъмолӣ на паст, балки баландттар буда метавонад.
- *Пешбарии мол зери тамғаи хусусӣ ва ё таҳвили маҳсулот барои ширкатҳои яклухт ва ё чакана, ки молро зери тамғаҳои худ пешбарӣ ва пешкаш мекунанд.* Инкишофи тамға(бренд)-и хусусӣ ва пешбарии мол зери тамғаи хусусӣ маблағгузории дарозмӯҳлат мебошад. Ҳангоми интихоби қарор оиди инкишофи бренди хусусӣ, ба истеҳсолкунанда лозим аст, ки маблағгузориро ба сармояи асосӣ(боғҳо, занбӯроила, занбӯрхона, ҷойи истеҳсолот, таҷҳизот)кам намояд. Дар чунин қарор як қатор андешаҳоро ба сифати дастур қабул кардан зарур аст, ба монанди фоиданокии дарозмӯҳлат ва арзиши соҳибкорӣ, мавҷудияти сармояи гардон барои дастгирӣ ва инкишофи соҳибкорӣ, хавфҳои тиҷоратӣ.
- *Ҷуғрофияи таҳвил ва сатҳи дохилшавӣ ба бозорҳо.* Тарҳи қулайи дистрибутсия(тақсимот) ин таваҷҷуҳ намудан ба қисми на чандон калони ҷуғрофии бозори ҷаҳонӣ метавонад гардад. Аз нуқтаи назари дастрасии нақлиётии бозор ва дараҷаи шиносоии он бо маҳсулоти тоҷикӣ, бозорҳои Урал, Қазоқистон, Сибири Ғарбӣ, Поволже, Москва ва Санкт-Петебург ва қисмҳои Сибири Шарқӣ метавонад ба сифати майдони асосӣ барои инкишофи фурӯши байналхалқии хушкмеваҳо, чормағзу асали тоҷикиву қирғизӣ хизмат намояд. Ҷадвали 1 тақсимоти тақрибии аҳолиро дар минтақаҳои зикршуда ва аҳолиро дар шаҳрҳое, ки бо Хуҷанд алоқаи мустақими ҳавопаймоӣ доранд, нишон медиҳад ва он барои муайян намудани минтақаҳои афзалиятнок барои содироти хушкмева, чормағз ва асал имконият фароҳам меорад. Аммо стратегияи мазкур хавфҳои худро дорад. Ҳангоми ҷорӣ намудани манъкуниҳо ба маҳсулоти тоҷикӣ, содиргарон ҳаҷми калони фурӯшро низ аз даст медиҳанд. Аз ин лиҳоз ҷуғрофияи фурӯшро мухталиф намудан зарур аст, ки он барои беҳтар фаҳмидани рафтори бозорҳои гуногун, ба даст овардани малакаҳои логистика ҳангоми бурдарасонӣ ба минтақаҳои гуногун ва аз рӯи зарурият дар вақти кӯтоҳ ба фурӯши берун аз Иттиҳоди Гумрук гузаштанро имконият медиҳад.

***Ҷадвали 1. Аҳолии округҳои федералӣ ва шаҳрҳои Россия, ки бо шаҳри Хуҷанд алоқаи мустақими ҳавопаймоӣ доранд.***

| Ҳудудҳо ва шаҳрҳо | Аҳолӣ (млн.) |
|---|---|
| Округи федералии марказӣ (ОФМ) | 37.1 |
| Округи федералии **Приволжӣ** (ОФП) | 30.2 |
| Округи федералии Сибирӣ (ОФС) | 19.5 |
| Округи федералии ҷанубӣ (ОФҶ) | 14.7 |
| Округи федералии шимолу ғарбӣ (ОФШҒ) | 13.5 |
| Округи федералии Уралӣ (ОФУ) | 12.3 |
| Округи федералии кавкази шимолӣ (ОФКШ) | 8.2 |

| | |
|---|---|
| **Округи федералии шарқи дур (ОФШД)** | **6.5** |
| Москва (ОФМ) | 11.5 |
| Санкт-Петербург (ОФШҒ) | 4.8 |
| Самара ва Толятти (ОФП) | 1.8 (1.1 Ў 0.7) |
| Новосибирск (ОФС) | 1.5 |
| Екатеринбург (ОФУ) | 1.4 |
| Нижний Новгород (ОФП) | 1.3 |
| Қазон (ОФП) | 1.1 |
| Челябинск (ОФУ) | 1.1 |
| Ростов дар лаби Дон (ОФҶ) | 1.1 |
| Уфа (ОФП) | 1.1 |
| Красноярск (ОФС) | 1.0 |
| Перм (ОФП) | 1.0 |
| Краснодар (ОФҶ) | 0.7 |
| Иркутск (ОФС) | 0.6 |
| Тюмен (ОФС) | 0.6 |
| Оренбург (ОФП) | 0.5 |
| Сургут (ОФУ) | 0.3 |
| Ханти-Мансийск (ОФУ) | 0.1 |

Каналҳои фурӯш/дистрибутсия метавонанд дарозии гуногун дошта бошанд. Каналҳои кӯтоҳи фурӯш- ин фурӯши мустақим мебошанд. Дар чунин шакли дистрибутсия байни истеҳсолкунанда ва харидор миёнаравон нестанд. Каналҳои мустақими бурдарасонӣ бештар барои фурӯш дар бозорҳои истеҳсолӣ истифода мешаванд. Дар бозорҳои истеъмолӣ истеъмолкунандаи охирини маҳсулот харидори чакана аст. Каналҳои дистрибутсия то истеъмолкунандаи чакана, мувофиқи қоида, якчанд бандҳои мобайниро дар бар мегиранд (Расми 2). Дар адабиёти маркетингӣ каналҳоро аз рӯи сатҳҳо тақсим мекунанд – канали сатҳи сифрӣ ба канали мустақими фурӯш таалуқ дорад ва баъдан, вобаста ба миқдори бандҳои мобайнӣ, канал метавонад ба сатҳи якум, дуюм, сеюм ва ғайра сатҳҳо бошад.

*Расми 2. Навъҳои каналҳои фурӯш/дистрибутсия*



Як истеҳсолкунанда метавонад каналҳои дарозии гуногунро барои мизоҷони гурӯҳҳои гуногун истифода кунад. Барои хушкмеваҳо, фурӯш ба ширкатҳои начандон калони қаннодӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Гумрук мустақим амалӣ карда мешавад. Ширкатҳои қаннодии бузурги ғарбӣ, эҳтимолан, таҳвилро тавассути таҳвилкунандагони яклухти ашёи хом метавонанд татбиқ намоянд. Фурӯшҳои чакана дар бозорҳои маҳаллӣ тавассути як ё ду бандҳои мобайнӣ метавонанд амалӣ гарданд, ҳоло он ки таҳвилҳои байналхалқӣ тавассути шумораи зиеди миёнаравон амалӣ гардида метавонанд.

Ҳангоми интихоби канал муайян намудани дарозии аз ҳама беҳтарини канал душвор аст. Дар адабиёти маркетингӣ омилҳое оварда мешаванд, ки истеҳсолкунанда бояд ба онҳо ҳангоми интихоби дарозӣ ва фарохии канал ва инчунин ҳангоми муайян намудани нақши миёнаравон таваҷҷӯҳ зоҳир намояд. Мутаассифона, қисми зиёди адабиёти маркетингӣ барои истеҳсолкунандагони бузург навишта мешавад, на барои истеҳсолкунандагони хурд, ки маҷбуранд «ба худ роҳ кушоянд» ба сӯи бозорҳо, ки дар асл аз ҷиҳатҳои олии рақобатнокии озод ва набудани коррупсия дуранд.

Бо назардошти мушкилоти логистика дар Тоҷикистон, эҳтимолан, барои истеҳсолкунандагони хурд бе хизматҳои «муттаҳидкунандагон-содиргарон» дар вилояти Суғд илоҷ ёфтан душвор мегардад. Муттаҳидкунандагон ё дар нақши миёнрави тиҷоратӣ(яклухтфурӯш), ки молро харида, баъдан онро мефурӯшад, мебароянд ё ки дар нақши логистер, ки молро харидорӣ намекунаду танҳо хизматҳои нақлиётӣ-ирсолкуниро пешкаш менамояд. Барои истеҳсолкунанда, истифодаи миёнрави тиҷоратии тоҷик барои тез ба итмом расонидани харидуфурӯш ва инчунин тамоми диққати худро ба фаъолияти асосӣ – парвариш, хушккунӣ ва борпечонии зардолу ва ё маҳсулоти дигар додан имконият медиҳад. Дар ин сурат, истеҳсолкунанда танҳо қисмеро дар тақсимоти арзиши иловагии умумӣ мегирад (Расми 3).

*Расми 3. Ташаккули арзиши иловагӣ*




Арзиш ва арзиши аслии маҳсулоти тайёр
(арзиш − ранги сабз, арзиши аслӣ − ранги сурх)

Ҳангоми истифодаи миёнарав-логистер, истеҳсолкунанда метавонад раванди дистрибутсияро то кишвари воридкунанда назорат намояд. Дар ин сурат, истеҳсолкунанда бояд худ мизоҷро дар кишвари воридкунанда дарёфт намуда, шартнома бандад ва ҳуҷҷатҳои иҷозатиро барои содирот аз Тоҷикистон ва воридот ба кишвари муқарраршуда тайёр намояд. Ҳамаи ин

амалиётҳо хароҷоти муайянро, аз он ҷумла хароҷот барои фурӯш(реклама, маркетинг, сафарҳои хизматӣ)-ро дар назар дорад, ки ҳиссаи калонро ташкил медиҳанд. Харҷотҳо бояд бо даромадҳои иловагӣ аз иштирок дар миқдори зиёди қадамҳои равиши ҳаракати мол то ба истеъмолкунандаи охирин мувофиқат дошта бошанд. Истеҳсолкунандае, ки миқдори на чандон зиёди маҳсулотро содир мекунад, эҳтимол ба он дучор мешавад, ки арзиши аслии амалиётҳои иловагӣ метавонад аз даромади иловагии бадастовардашуда дар рафти иҷрои қадамҳои иловагӣ ба сӯи истеъмолкунандаи охирин зиёдтар гардад.
Истифодаи логистер-муттаҳидкунанда ба якчанд истеҳсолкунандагони на чандон калон барои кам намудани хароҷоти нақлиётӣ, аз ҳисоби таҳвил намудани мол бо миқдорҳои калон, имконият медиҳад.

Консолидатсия(муттаҳидкунӣ) инчунин барои беҳтар намудани ҷолибнокии пешниҳодоти ҳар як истеҳсолкунандаи алоҳида имконият фароҳам меорад. Барои мизоҷон, бидуни сифати маҳсулот, инчунин дигар хусусиятҳо ба монанди мавҷудияти миқдори муайян ва хелҳои мол, таҳвили айни муддао, таҳвили бефосилагӣ муҳиманд. Консолидатсия маҳз барои муттаҳид намудани захираҳои якчанд ширкатҳо ва беҳтар намудани ҷолибнокии пешниҳодоти онҳо барои мизоҷони байналхалқӣ имконият медиҳад. Чунин шакли ҳамкорӣ беҳтар кор мекунад, агар маҳсулот зери як тамға(бренд)-и соябон фурӯхта шавад.
Яке аз воситаҳои консолидатсияи захираҳои якчанд ширкатҳо барои пешбарӣ ва фурӯши маҳсулоти худ, ин пешбарии бренди соябон ба монанди бренди «Рижская марка», ки дар айни замон барои пешбарии маҳсулоти латвиягӣ дар Россия истифода мешавад. Барои беҳтар намудани логистика тавассути муттаҳидкунии бори ҷисмонӣ, истеҳсолкунандагони тоҷик метавонанд кооперативи фурӯшро ташкил намоянд, яъне логистикаро муттаҳид намоянд бе муттаҳидкунии иқтидори истеҳсолӣ. Дар амал, ширкатҳо нисбати якдигар дар коркарди маҳсулот рақиб мемонанд, вале дар дистрибутсия шарик мешаванд. Бешубҳа, дараҷаи боз ҳам бештари интеграсия метавонад ташкили кооперативҳои истеҳсолӣ-фурӯш бошад, ки дар онҳо истеҳсолкунандагони алоҳида метавонанд кӯшишҳои хешро оиди парвариши маҳсулот, хушккунӣ, борпечонӣ ва баамалбарорӣ ва инчунин оиди фурӯш, маркетинг зери як тамға(бренд) ва дистрибутсияи мол муттаҳид намуд.
Чунин намуди ҳамкорӣ, бозгашти колхозҳоро дар назар надорад, балки таҷрибаи мусбии иттиҳодияҳои кооперативии зиёдеро дар соҳаи агробизнес, ки айни замон дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мавҷуданд ва инкишоф меёбанд, такрор менамояд

Ташкили маҳсулоти содирот аз Тоҷикистон ва бурдарасонии он то ба кишвари воридкунанда танҳо нисфи роҳ то ба мизоҷ мебошад. Байни истеҳсолкунанда ва харидор инчунин боз чакана ва эҳтимол, дигар миёнаравон меистанд.

Айни замон, боз ҳам бештар истеъмолкунандагон дар Россия ва Қазоқистон маҳсулоти озуқавориро дар мағозаҳои шабакавии калон мехаранд. Гарчанде дар ҳама шаҳрҳои калони Россия ва Қазоқистон бозорҳои калону хурд мавҷуданд, дар сохтори фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ онҳо назар ба бозорҳои шаҳрҳои Осиёи Миёна нақши хеле хурд мебозанд. Мизоҷони мағозаҳои шабакавӣ - тахфифдор, чун қоида ба онҷо аз паси бештар навъҳои мол ва нархҳои арзон, ки бо нархҳои бозорҳои яклухт муқоисашаванда мебошанд, меоянд.

*Расми 4. Шабакаҳои калони федералӣ дар бисёр шаҳрҳои Россия мағозаҳо доранд. Расми:* http://www.okmarket.ru




Харидорони мағозаҳои шабакавӣ ба онҷо дур-дур барои танҳо як маҳсулот меравaнд. Чун қоида аз байни ҷӯшу хурӯши ҳаракати мошинҳои шаҳр гузашта, харидорон ҳама маҳсулотро дар як ҷой харидан мехоҳанд. Чунин рафтор аз тарафи ритейлерон (Ширкати тиҷоратӣ(шабакаи тиҷоратӣ), ки маҳсулотро ба истеъмолкунандагон(мизоҷон)-и охирин мефурӯшад) низ назаррас аст. Мағозаҳо соҳиби навъҳои бузурги мол ва ҳаҷми калони фурӯш буда, маҷбуранд аз таҳвилкунандагоне, ки навъҳои зиёди молро дар як вақт таҳвил карда метавонанд, харидорӣ намоянд. Чунин амал бо фикру андешаи логистика пайваста аст. Таҳвили миқдори зиёди навъҳои мухталифи мол аз тарафи таҳвилкунандагони гуногун маънои онро дорад, ки дар давоми ҳар рӯзи корӣ миқдори зиёди мошинҳоро қабул ва борфарорӣ кардан лозим меояд. Дар навбати худ байни ритейлер ва истеҳсолкунанда чун қоида миёнарав ҷойгир аст, ки дистрибутсияи дохилишаҳрии навъҳои зиёди молро ташкил карда метавонад. На ҳама истеҳсолкунанда қодир аст чунин сохтори дистрибутсияро худ ташкил кунад. Ширкатҳои бузурги байналмиллалӣ ба монанди Coca-Cola, Pepsico, Nestle, P&G метавонанд чунин тақсимоти молҳои худро дар сатҳи миллӣ ташкил намоянд (яъне, дар ҳама шаҳрҳои Россия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо).

Бархе аз истеҳсолкунандагони бузурги Россиягӣ ва қазоқистонӣ ба ритейлерон дастрасии мустақим доранд. Ба истеҳсолкунандагони хурди маҳаллӣ ва хориҷӣ зарур мешавад, ки тавассути намояндагон(дистрибюторон)-и ғайриинҳисорӣ кор баранд, ки бо фурӯш ва ташкили расонидани навъи молҳои муайян аз истеҳсолкунандагони мухталиф машғуланд. Ба монанди намояндагони инҳисорӣ намояндагони ғайриинҳисорӣ метавонанд барномаи маркетингӣ ва рекламаи маҳсулоти таҳвилкунандагони худро баргузор намоянд (агар таҳвилкунанда молро зери тамғаи худ фурӯшад). Инчунин дистрибюторон метавонанд тамға(бренд)-и хешро инкишоф диҳанд, ки барои бозорҳои Россиягии хушкмева ва чормағз хеле хос аст.

Соҳиби тамғаи хусусии хушкмева ва чормағз будани дистрибютор(намоянда, тавзеъкунанда) ҳатман маънои онро надорад, ки тавассути онҳо моли худро пешбарӣ кардан ғайриимкон аст. Аксари ширкатҳои айни замон амалкунандаи Россиягии чормағзу хушкмева бо моли кишварҳои Туркия, Эрон, Хитой ва ғайра кор мекунанд. Илова намудани моли тамға(бренд)-и тоҷикӣ ба хати маҳсулот ба фурӯш динамикаи мусбӣ медиҳад. Аммо, бояд дар назар дошт, ки чунин тавзеъкунандагон(дистрибюторон) худ барои ба даст овардани

тамға(бренд)-и бомуваффақияти тоҷикӣ ва ё таҳияи бренди монанду хусусӣ мароқ зоҳир мекунанд.

*Расми 5. Бисёри шабакаҳои тиҷоратӣ дорои системаи аз они худӣ барои расонидани молҳо ба мағозаҳо мебошанд*
*Расми: [http://www.globalgreen.ru/news/scania.htm](http://www.globalgreen.ru/news/scania.htm)*




Бештари тавзеъкунандагон(дистрибюторон)-и мавҷуда соҳиби таҷрибаи тақсимоти дарунишаҳрӣ ва кор бо нуқтаҳо ва шабакаҳои фурӯш ва инчунин фаъолиятҳои тиҷоратии воридотӣ буда метавонанд. Бо вуҷуди ин, маҳз фаҳмиши бозори чакана ва тақсимоти дарункишварӣ ва дарунишаҳрӣ бартарии асосии рақобати онҳо мебошад. Аз ин - рӯ байни дистрибютор(намоянда, тавзеъкунанда) ва истеҳсолкунанда боз як миёнрав – воридоткунандаи яклухт метавонад пайдо шавад, ки соҳиби таҷрибаи фаъолиятҳои тиҷорати берунӣ буда, вале соҳиби малакаҳои тақсимоти дарункишварӣ\дарунишаҳрӣ нест.

Расми 6 якчанд вариантҳои имконпазири каналҳои тақсимотро ҳангоми фурӯш дар бозорҳои мухталиф нишон медиҳад. Дар ин ҷо танҳо он ҳалқаҳое, ки дар раванди гардиши мол иштирок мекунанд, яъне молро харидорӣ мекунанд ва аз нав мефурӯшанд. Бидуни онҳо, боз дигар миёнаравон ба мисоли агентҳо буда метавонанд, ки хавфҳои харидани молро ба худ намегиранд. Нақши агентҳо танҳо якҷоя намудани фурӯшандагон ва харидорон, яъне расонидани хизматҳои миёнаравӣ дар соҳаи фурӯш, мебошад. Инчунин агентҳо метавонанд нақши ташкилкунии логистикаро иҷро намоянд. Аммо, функсияи логистикии бевоситаро дигар иштирокчиёни раванди тақсимот – операторҳои нақлиётӣ, ирсолкунандагон(экспедиторон), брокерон, анборҳо ва ҳоказо иҷро мекунанд. Ҳамчунин онҳо молро намехаранд ва намефурӯшанд. Тавсифи нақши онҳо дар боби дигар манзур мегардад.

Каналҳои тақсимот метавонанд аз нишондоди расми 6 кӯтоҳ ё дароз бошанд. Каналҳои дарози тақсимотро, самаранок номидан душвор аст. Каналҳои кӯтоҳи тақсимотро доштан беҳтар аст, вале барои ин ҳар яке аз иштирокчиён бояд соҳиби малакаҳо ва имконотҳои ба худ гирифтани қисми функсионалии ҳалқаҳои «алоҳида»-и занҷираи тақсимот бошанд ва аз он фоида гиранд(яъне, даромади иловагии онҳо назар ба хароҷоти иловагии онҳо зиёд бошад).

Инак, касе метавонад функсионалро дар дасти худ муттаҳид кунад, то ки дарозии каналҳои тақсимотро кӯтоҳ кунад? Ҷавоб - ҳар кадоме аз

иштирокчиёни ин занҷираи тақсимот. Дар ин ҳол, ҳар яке аз иштирокчиён метавонад нисбати якдигар ҳам дар нақши шарик ва ҳам рақиб баромад кунад:

- *Истеҳсолкунанда* – метавонад фоидаро барои бунёди шабакаи фурӯш маблағгузорӣ кунад. Ташкили нуқтаҳои фурӯши хусусӣ фаъолияти серхарҷ ва камсамара аст. Бархе аз истеҳсолкунандагон нуқтаҳои фурӯши намоишӣ ташкил мекунанд, ба мисоли ширкатҳои қаннодӣ, ки дорои навъҳои васеи маҳсулот мебошанд. Аммо дар ҳаҷми умумии фурӯш, чунин нуқтаҳои фурӯш нақши хурде мебозанд. Барои истеҳсолкунандагони хушкмева, чормағз ва асал, эҳтимол, ташкили шабакаи хусусии агентҳои тиҷоратӣ маънӣ дорад. Фурӯши мол тавассути агентҳои тиҷоратӣ имконияти аз байн бардоштани як- ду миёнаравони тиҷоратиро фароҳам меорад. Ин дар он ҳолат хеле муҳим мегардад, агар истеҳсолкунанда маҳсулотро зери тамғаи худ пешбарӣ кунад, зеро каналҳои дарози тақсимот имконият намедиҳанд, ки таҳвили маркетингии истеҳсолкунанда то ба истеъмолкунандаи охирин расонида шавад. Инчунин истеҳсолкунанда ба ӯҳдаи худ ташкили логистикаи содиротиро гирифта метавонад ва бо ин амал миёнаравони яклухтро дар Тоҷикистон аз ҳиссаи фоида маҳрум мекунад. Дар ин сурат, якчанд тарзҳои амалигардонии сенарияи мазкур мавҷуд аст: истеҳсолкунанда метавонад худ дар нақши миёнарави яклухт(муттаҳидкунанда ва содиркунанда) барои истеҳсолкунандагони дигар баромад кунад; якчанд истеҳсолкунандагон метавонанд амалиётҳои хешро оиди содирот(ҳамкории логистикӣ) муттаҳид намоянд; ирсолкунандагон(логистерон) метавонанд барои якчанд содиркунандагон оиди муттаҳидкунии борҳо хизматрасонӣ кунанд ва бо ин харҷи онҳоро ба нақлиёт паст намоянд ва хизматҳоро оиди ташкили содирот пешкаш намоянд.

Расми 6. Вариантҳои каналҳои фурӯш/тақсимот барои бозорҳои мухталиф




- *Яклухтфурӯшон дар Тоҷикистон* – фурӯш, муттаҳидкунии мол ва содиротро ташкил мекунанд. Мавҷудияти яклухтфурӯшон-содиркунандагон ба истеҳсолкунанда имконият медиҳад, ки ба истеҳсоли маҳсулот, коркард, беҳтаркунии сифати маҳсулот ва борпеч таваҷҷӯҳ намояд. Яклухтфурӯш – содиркунанда дар шакли холис метавонад тиҷорати хешро дар самтҳои зерин тавсеа намояд: фоидаро барои харидорӣ намудани иқтидорҳои коркард маблағгузорӣ намояд(интеграсия ба пас); васеъ намудани тиҷорат тавассути фурӯши маҳсулоти шумораи зиёди истеҳсолкунандагони маҳсулоти мазкур; васеъ намудани тиҷорат тавассути фурӯши навъҳои бештари маҳсулот(мисол, бидуни хушкмева боз бо сабзавоту меваи тарутоза ва консервшуда, пахта ва ғ. кор барад). Чунин тавсеаи тиҷорат танҳо дар ҳолати афзункунии потенсиали шабакаи тиҷоратӣ дар кишварҳои воридот имконпазир аст.
- *Яклухтфурӯшон ва дистрибюторон(тавзеъкунандагон)* дар кишварҳои фурӯш метавонанд интегратсия ба пас баргузор намоянд, яъне ба Тоҷикистон омада, иқтидорҳои коркардро харидорӣ намоянд.
- Инчунин *ритейлерон* метавонанд шакли ба худ хоси интегратсия ба пас баргузор намоянд. Онҳо иқтидорҳои коркардро харидорӣ намекунанд, лекин метавонанд истеҳсол ва маркетинги маҳсулотро зери тамғаи худ оғоз намоянд. Дар ин сурат ритейлерон амалан танҳо хизматҳои коркардчиёнро марбут ба истеҳсолот ва борпеч ба даст меоранд. Истеҳсолкунанда ва коркардчӣ бозори устувори фурӯшро соҳиб мешаванд ва ритейлер бошад маҳсулотро бо арзиши аслии на он қадар баланд. Аммо чунин тарҳ танҳо барои маҳсулоти дорои ҳаҷми баланди фурӯш ва логистикаи оддӣ маъно дорад. Хушкмеваҳои тоҷикӣ ба чунин тарҳ ҳоло илова намешаванд.

*Расми7. Диспенсерҳо бо маҳсулоти худ ва растаҳо бо чормағзу хушкмеваҳо дар супермаркетҳо*
*Расми*: http://flavorstitch.com/2010/09/whole-foods



Дар дурнамои дарозмӯҳлат боз як омил ба кӯтоҳкунии дарозии каналҳои тақсимоти хушкмева, чормағз ва асал метавонад таъсир намояд – ин васеъшавии Иттиҳоди Гумрук ва ба он ҳамроҳшавии Қирғизистон ва баъдан, эҳтимолан Тоҷикистон низ. Мавҷуд набудани назорати гумрукӣ дар сарҳадҳои кишварҳо маънои онро дорад, ки тартиботи содиротиву воридотӣ низ лозим намешаванд.

## 3. АМАЛИЁТҲОИ НАҚЛИЁТӢ ВА ДОЛОНҲОИ НАҚЛИЁТӢ

Хатсайрҳои асосии бурдарасонии маҳсулоти вилояти Суғд аз ҳудудҳои кишварҳои ИДМ(Ӯзбекистон ё Қирғизистон, Қазоқистон ва Россия) мегузарад. Инчунин дигар хатсайрҳои бурдарасонӣ аз эҳтимол дур нестанд:

- Тавассути Ӯзбекистон, Туркманистон, Эрон ва Туркия. Дарозии чунин боркашонӣ 4-5 ҳазор километрро ташкил дода, мол ҳанӯз ҳам дар ҳудудҳои кишварҳое, ки худ хушкмева ва чормағз парвариш мекунанду бомуваффақият мефурӯшанд мемонад
- Кашонидани бор ба Хитой ва ё тавассути Хитой. Ин хатсайрҳо низ хеле дароз буда, Хитой инчунин яке аз истеҳсолкунандаи бузурги хушкмева ва чормағз мебошад
- Бурдани бор тавассути Афғонистон то бандаргоҳи шаҳри Қарочӣ ва бо боркашонии минбаъда тавассути нақлиёти баҳрӣ то ба макони таъиншуда (Расми 8)

Долони мазкурро муфассалтар муоина мекунем. Масофаи умумии роҳ аз Хуҷанд то ба бандаргоҳи шаҳри Қарочӣ тақрибан 2700 км-ро ташкил медиҳад, ки аз қитъаҳои зерин иборат мебошад:

- Хуҷанд - Душанбе – 320 км(тавассути тунели Шаҳристон, 2700 м. ва тунели Анзоб, 2700 м.)
- Душанбе – Кобул – 700 км(тавассути тунели Саланг, 3400м.)
- Кобул – Пешавар – 300 км
- Пешавар – Қарочӣ – 1400 км, инчунин ҳаракат бо роҳи оҳан эҳтимол аст.

Барои муқоиса, масофаи роҳ аз Хуҷанд то:

- Алмаато -1000 км
- Остона -1800 км
- Челябинск – 2500 км
- Новосибирск -2700 км
- Москва – 3900 км
- Бандаргоҳи Новороссийск – 4000 км
- Бандаргоҳи Санкт-Петербург – 4800 км

Бар замми ин Афғонистон ва Покистон шомили фазои нақлиётии Аврупо нестанд, яъне тавассути ин кишварҳо кашонидани бор бо нақлиёти автомобилӣ бо китобчаи БРБ имконнопазир аст, бидуни ин, бе кӯчонидани бор ба мошинҳои боркашонии афғонӣ ва покистонӣ умуман боркашонӣ бо нақлиёт ғайриимкон аст.Боркашонӣ бо роҳи оҳан мумкин аст дар қитъаи аз Пешавар то бандаргоҳи Қарочӣ, аммо то ба Пешавар расидан инчунин бояд аз 3 ағбаи баландкӯҳ ва ҳудудҳои хавфноки ҳарбӣ-сиёсӣ гузашт. Ғайр аз ин худи бандаргоҳи Қарочӣ аз назари сифати идоракунӣ намунавӣ намебошад ва барои ҳамин кафолат дода намешавад, ки мо ба баҳр расида дар онҷо ба мӯҳлати дурудароз дар ҳудуди бандаргоҳ дар намемонад.

Лоиҳаи долони нақлиётӣ тавассути барзахи Вахонӣ, барои боркашонии хушкмева, чормағз ва асал аз Тоҷикистони Шимолӣ низ имконоти кам дорад, зеро ҷуғрофияи боркашонӣ тавассути ин хатсайр хеле мушкил аст. Долони мазкур барои Бадахшони кӯҳӣ бештар муфид буда, инчунин барои инкишофи тиҷорат байни Покистони Шимолӣ ва Ғарбӣ ва Хитойи Марказӣ мусоидат мекунад.
Аз ин рӯ беҳтарин долони нақлиётӣ барои боркашонии маҳсулоти вилояти Суғд, тавре ки пештар дар боби якум мавриди муҳокима қарор дошт, ин боркашонӣ тавассути роҳи оҳан аз Ӯзбекистон мебошад.

*Расми 8. Долони нақлиётӣ то бандаргоҳи наздиктарин*
*Махзан: Дар асоси харитаи* http://www.nationsonline.org/oneworld/map/pakistan_map.htm



*Расми 9. Мошинҳои боркашонии сӯзондашуда дар сарҳади Покистону Афғонистон (Нуқтаи дидбонгоҳи Ланди-Котал-Торкам)*
*Расми: ABC News, 2011 ([http://abcnews.go.com/International/wireStory?id=13653515](http://abcnews.go.com/International/wireStory?id=13653515)) и The Lede, 2009 ([http://thelede.blogs.nytimes.com/2009/02/04/another-attack-near-the-khyber-pass](http://thelede.blogs.nytimes.com/2009/02/04/another-attack-near-the-khyber-pass))*



Дигар имконияти боркашонӣ – ин тавассути Қирғизистон бо нақлиёти автомобил ё бо нақлиёти(мултимодалӣ) омехта мебошад. Нақши ин долон пас аз ҳамроҳшавии Қирғизистон ба Иттиҳоди Гумрук метавонад афзун гардад.

*Расми 10. Долонҳои нақлиётӣ тавассути кишварҳои ИДМ (долони кабуд – роҳ тавассути Ӯзбекистон, долони сабз – роҳ тавассути Қирғизистон)*
*Махзан: Дар асоси харитаи ТРАСЕКА ([http://www.traceca-org.org/fileadmin/fm-dam/tarep/58jh/expert_group_model_gis/kyrgyzstan_07_11_2011_300dpi.png](http://www.traceca-org.org/fileadmin/fm-dam/tarep/58jh/expert_group_model_gis/kyrgyzstan_07_11_2011_300dpi.png))*



# 4. АМАЛИЁТҲОИ НАҚЛИЁТӢ ВА ОПЕРАТОРҲОИ НАҚЛИЁТӢ

Тавре, ки пештар дар боби дуюм муҳокима гардид, дар раванди дистрибутсия(тақсимот)-и мол на танҳо миёнаравони тиҷоратӣ, балки миёнаравони логистикӣ низ иштирок мекунанд. Шакли возеҳтари миёнаравони логистикӣ ин операторони нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилӣ мебошанд.

Чун қоида, дар тамоми кишварҳо ва аз он ҷумла дар Тоҷикистон, миқдори бисёри ширкатҳои нақлиёти автомобилӣ мавҷуданд, ки бо якдигар рақобат мекунанд ва як адад нақлкунандаи монополӣ(инҳисор) дар нақлиёти роҳи оҳан мебошад. Нақлкунандагони автомобилӣ ширкатҳои хурд ва ё нақлкунандагони инфиродӣ мебошанд, ки барои онҳо муқобил истодан ба худсарии мақомотҳои назоратӣ мушкил аст ва аз ин лиҳоз онҳо ба Ассосиатсияҳо муттаҳид шудаанд. Ассосиатсияҳо барои ҳифз ва изҳори манфиатҳои нақлкунандагон даъват шудаанд, вале ин вазифаи ягона ва асосии Ассосиатсияҳо намебошад. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин Тоҷикистон, функсияи асосии Ассосиатсияҳо ин таъмини кафолатҳои гумрукӣ аз рӯи китобчаҳои БРБ (TIR Carnet) ва паҳнкунии китобчаҳои БРБ байни нақлкунандагон мебошад. Сохтори БРБ нақлкунандагонро муттаҳид намуда, чун кафолати эътимоднокии нақлкунандагон нисбати пардохти маблағи гумрукӣ дар назди мақомотҳои гумрук хизмат мекунад. Сохтори санҷиши нақлкунандагон мавҷуд аст, ки ба сохтори БРБ иҷозат медиҳад. Ин сохтор инчунин ба мизоҷон имконият медиҳад, ки ба эътимоднокии чунин нақлкунандагон боварии қатъӣ ҳосил намоянд. Дар навбати худ, содиркунанда ҳангоми интихоби нақлкунандае, ки ба сохтори БРБ иҷозат додашудааст, хавфи нақлиётии худро кам мекунад.

*Расми 11. Нақлкунандаи байналхалқӣ бояд соҳиби нақлиёте, ки ба сохтори БРБ мувофиқат мекунад ва китобчаи БРБ барои ҳар як боркашонӣ бошад*

*Расми: friedman.com.ua/ru/info/show/242?PHPSESSID=f7db2c1d452004d5df63e624d5ca1be8, uslugi-transporta.ru*




Якчанд стратегияи ба даст овардани хизматҳои нақлиётӣ мавҷуданд. Содиркунанда метавонад:

- Як нақлкунандаро интихоб намуда, ҳама боркашониро танҳо бо вай амалӣ намудан. Ин стратегия чун бунёди ҳамкории дарозмӯҳлат байни мизоҷ ва нақлкунанда маънидод мешавад. Чунин стратегия дар кашонидани борҳои махсус, ки барои онҳо истифодаи шарту шароитҳои махсуси боркашонӣ зарур аст, бамаврид аст.
- Бо якчанд нақлкунандагон фаъолият бурда, дар ин сурат ҳиссаи тақрибии ҳар як нақлкунандаро дар ҳаҷми умумии боркашонӣ муайян намудан. Ҳиссаи бештарро дар ҳаҷми боркашонӣ нақлкунандаи аз ҳама боэътимод ва арзон соҳиб мегардад. Дар ин ҳолат мизоҷ ба як-ду нақлкунандагони дигар ҳаҷми ками боркашониро дода, худро суғурта мекунад. Чунин стратегия барои пайдо намудани тасаввурот оиди арзиш ва сифати

хизматрасонӣ ва дар ҳолати зарурӣ барои “ҳавасмандкунӣ”-и нақлкунандагони хуб ва ба онҳо додани ҳаҷми калони боркашонӣ имкон медиҳад.

- Истифодаи нақлкунандагони якдафъагӣ. Чунин стратегия ҷустуҷӯ ва интихоби нақлкунандаро ҳар маротибае, ки кашондани бор зарур аст, дар назар дорад. Ҳангоми ҳаҷми калони боркашонӣ чунин стратегия ба хароҷоти калони маъмурӣ меоварад. Иловатан, дар бозоре, ки тақозои маҳдуди хизматҳои нақлиётӣ мавҷуд аст, на ҳама вақт нақлиёти заруриро пайдо кардан мумкин аст.

Истеҳсолкунанда ва ё содиркунанда худ метавонад нақлиётро барои эҳтиёҷоти хеш барои ҳам боркашонии дарунӣ ва байналхалқӣ харидорӣ кунад. Аз эҳтимол дур аст, ки маблағгузории содиркунанда ба нақлиёти байналхалқӣ фоиданок мегардад, агар нақлкунандаи нав танҳо барои эҳтиёҷоти хеш оиди нақлкунии маҳсулот ба содирот хизмат кунад. Барои бештар фоиданок намудани нақлкунӣ тавассути нақлиёти хеш бояд оиди пурра истифодаи нақлиёт дар роҳи бозгашт фикр намуд, яъне нақлкунанда бояд ҳангоми боркашонӣ дар ду самт пул кор кунад. Инро тавассути пешкаш намудани хизматрасонии нақлиётии хеш ба дигар мизоҷон ноил шудан мумкин аст.

Боркашонии роҳи оҳан бидуни рақобат аст. Қонунгузории антимонополӣ танзим кардани нархномаҳоро имкон медиҳад, аммо ба сифати хизматҳо на чандон таъсир мерасонад. Истифодаи хизматҳои миёнаравон-экспедиторон, ки боркашониро ташкил мекунанд, аммо худ онро бевосита иҷро намекунанд, ба ирсолкунандаи мол барои сабук намудани тартиби боркашонӣ тавассути роҳи оҳан имкон медиҳад. Экспедиторон бо роҳи оҳан шартномаҳо доранд, ки дар ҳудуди кишвари худ мувофиқи рамзҳои худ боркашониро пардохт мекунанд ва боркашониро дар ҳудудҳои роҳи оҳани дигар кишварҳо мувофиқи рамзҳои экспедиторони хориҷӣ пардохт мекунанд, инчунин барои мизоҷони худ омода намудани ҳуҷҷатҳо, расонидани нақлиёт ва назорати борро ташкил мекунанд. Бо гуфтори кушод, ҳангоми боркашонӣ бо як намуди нақлиёт бо дастаҳои пури бор(вагон, контейнер ва мошини боркашонӣ) нақши экспедитор ба таври кофӣ маҳдуд аст. Нақлкунандагони автомобилӣ худ аз ӯҳдаи тайёр намудани боркашонӣ мебароянд ва барои робитаи босамара бо мизоҷон қодиранд. Баръакс, роҳи оҳан(дар ҳама кишварҳои ИДМ) пурра танҳо ба истеҳсолот таваҷҷӯҳ карда, феълан бо мизоҷон кор бурда наметавонанд. Экспедиторон ба монанди тарҷумон аз забони тиҷорат ба забони роҳи оҳан ва баръакс баромад мекунанд.

Дар айни замон ислоҳот дар роҳи оҳан баргузор мешавад, ки бо мурури замон ба мизоҷон кор карданро бо роҳи оҳан сабук мегардонад. Ин маънои онро дорад, ки агар экспедиторон танҳо функсияи агенти роҳи оҳанро иҷро намоянд, бо мурури вақт онҳо барои мизоҷони худ каммуфид мегарданд. Аз ин рӯ, агар экспедиторон хоҳанд, ки дар бозор бимонанду босамара инкишоф ёбанд, ба онҳо зарур аст, ки тиҷорати худро аз ҳисоби тақозои хизматҳои рақобатнок васеъ намоянд, ба монанди:

- Консолидатсия ва боркашонии дастаҳои хурди мол барои якчанд мизоҷон бо нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан
- Ташкили боркашонии мултимодалӣ (мисол, боркашонӣ бо автомобил то Бишкек ва баъдан бо роҳи оҳан)
- Пешкаш намудани хизматҳои анборӣ, ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар бозорҳои фурӯш тавассути шабакаи шарикӣ

*Расми 12. Боркашонии контейнерӣ – асоси нақлиёти мултимодалӣ. Терминали контейнерии стансияи Душанбе 2*
*Расми: муаллиф*



Ширкатҳои нақлиётӣ аз рӯи табиати хеш шабакавӣ мебошанд. Ба экспедиторони тоҷикӣ ва қирғизӣ зарур аст, ки шабакаи шарикии хешро дар минтақаҳое, ки ба онҷо маҳсулоти истеҳсолкунандагони маҳаллӣ содирот мешавад, боз ҳам фаъолона инкишоф диҳанд. Бидуни ин, Минтақаи озоди иқтисодии Суғд метавонад дар нақши маркази консолидатсияи тамизи нақлиётӣ-логистикӣ баромад кунад, ки он ба ҷомеаи нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ барои босамара ҳал намудани масоили инкишофи малакаҳои амалиётӣ, бунёди махзани амалиётӣ дар кишвари ирсол, камкунии монеаҳои ғайриҷисмонӣ имкон медиҳад.

## 5. ҶОЙГИРИИ АМАЛИЁТҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ЗАХИРАҲОИ МОЛӢ

Ҷойгирии иқтидори истеҳсолӣ ва захираҳои молӣ яке аз вазифаҳои муҳими тақсимоти бевосита(ҷисмонӣ)-и маҳсулот мебошад. Вазифаи ҷойгирии иқтидори истеҳсолӣ дар ширкатҳои бузурги дорои шабакаи байналхалқии истеҳсол ва фурӯши мол басо рӯзмарра аст. Мувофиқи қоида, ширкатҳои хурд истеҳсоли асосиро дар як макон доранд.

Мавҷуд будан ва ҷойгирии захираҳои молӣ ба қобилияти ширкатҳо дар иҷро намудани фурӯш таъсир мерасонад. Ҳар қадаре, ки захираҳои молӣ ба мизоҷ наздик бошанд, ҳамон қадар эҳтимоли фурӯши бомуваффақият зиёд мегардад. Масалан, мизоҷи потенсиалии истеҳсолкунандаи тоҷик дар Россия бо эҳтимолияти зиёд мол (хушкмева)-ро харидорӣ мекунад, агар захираҳои молии истеҳсолкунанда дар Россия бошанд.

Аммо, ҳар гуна ҷамъкунӣ ва нигоҳдории захираҳои молӣ ба хароҷоти муайян марбут аст. Дар логистика қоида қабул шудааст – харидорӣ намудан ва нигоҳдории ҳамон қадар маҳсулот барои пӯшонидани фурӯшҳои зарурӣ. Захираи зиёдатӣ маънои сармояи яхкунондашуда ва хароҷоти иловагиро барои нигоҳдорӣ дорад. Набудани миқдори кофии захираҳои молӣ ва ё истеҳсолӣ маънои фурӯшҳои талафшударо дорад. Ширкатҳо бояд байни хароҷоти зиёдатӣ ва фурӯшҳои талафшуда мувозинат пайдо намоянд.

*Расми 13. Захираҳои молӣ активҳои ҷорӣ мебошанд, ки ба онҳо хароҷоти маблағдиҳӣ, нигоҳдорӣ ва талафот алоқаманд аст.*
*Расми:* http://sar-daniloff.ru/wp-content/uploads/2011/08/sklad.jpeg



Арзиши нигоҳдории захираҳо якчанд навъи хароҷотро дар бар мегирад:

- Хароҷот барои маблағдиҳии захираҳо – ба 15-20% ва зиёда аз он дар як сол мерасад, ки вобаста аз тарзи маблағдиҳии захираи зиёдатӣ мебошад(кредитҳо, маблағи гардони худӣ, ақибандозии пардохт аз таҳвилкунанда). Ҳангоми маблағдиҳӣ аз маблағи гардони худӣ, бояд имконоти гумшударо барои маблағгузорӣ баҳри инкишофи истеҳсолот ба ҳисоб гирифт.

- Арзиши нигоҳдории анборӣ. Ҳар қадаре, ки ҳаҷми захираҳои молӣ калон бошад, ҳамон қадар масоҳати калон барои нигоҳдорӣ лозим аст. Дар ин сурат нигоҳдорӣ дар масоҳати анборҳои худӣ метавонад аз ҳама арзон бошад, аммо нигоҳдории бомасъул дар анборҳои минтақатои фурӯш метавонад 2-3 маротиба гаронтар бошад.
- Кӯҳнашавӣ, вайроншавии захираҳо. Бисёрии захираҳои молӣ мӯҳлати нигоҳдошт доранд(озуқаворӣ, доруворӣ) ё метавонанд маънавӣ кӯҳна шаванд (қисмати электронӣ, либоси мӯд, видеофилмҳо, мусиқӣ).
- Гумшавии захираҳо. Дуздӣ, аз рӯи қоида, ҳамон ҷо рӯй медиҳад, ки ҳаҷми калони захираҳо нигоҳ дошта мешавад ва дар онҷо захираҳои кӯҳна мавҷуданд ва шароитҳои зарурӣ барои нигоҳдошт ташкил нагардидаанд.

Хусусияти истеҳсоли хушкмева ва чормағз он аст, ки онҳоро бояд ба ҳамон миқдоре, ки дар соли мазкур рӯёнда шудааст, ҷамъоварӣ намуда, нигоҳ дошт. Истеҳсолкунанда мекӯшад, ки ҳама ҳаҷми маҳсулотро коркард кунад ва нигоҳ дорад. Баъдан зарур аст, ки оиди дар куҷо нигоҳ доштани ҳамаи маҳсулот қарор қабул кунад.

Роҳи аз ҳама камхавфтарин ин нигоҳдорӣ дар кишвари истеҳсол мебошад. Потенсиали бештар баланд барои фурӯш ин нигоҳдорӣ дар минтақаи фурӯш аст. Барои ин истеҳсолкунанда бояд ба мавҷуд будани талаботи кофӣ ба маҳсулот, имконоти ҷойгиркунии маҳсулот барои нигоҳдорӣ ва таъмини фурӯши он дар минтақаи фурӯш боварӣ дошта бошад.

Қарор оиди макони ҷойгиркунии захираҳо инчунин аз таҷрибаҳои қабулшудаи фурӯши маҳсулоти мазкур вобаста аст. Маҳсулотро ё аз анбор ё аз рӯи фармоиш истеҳсол намуда фурӯхтан мумкин аст (Расми 14).

*Расми 14. Таҳвил аз анбор ва истеҳсол мувофиқи фармоиш*




Маҳсулоти мураккаби технологӣ, чун қоида, мувофиқи фармоиш истеҳсол карда мешавад. Одатан ин барои ҳам таҳвилкунанда ва ҳам харидор равшан буда, гарчанде инҷо ҳам истисно мавҷуд аст. Мисол, мизоҷон дар Туркманистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, чун қоида мехоҳанд, техникаи нақлиётӣ-сохтмониро дар мӯҳлатҳои ками имконпазир аз анбор харидорӣ намоянд. Ҳангоми кор дар чунин бозор, истеҳсолкунанда бояд ба фармоишҳои ногаҳонӣ омода бошад.

Дар бозори озуқаворӣ, бахусус дар сатҳи фурӯши чакана, шакли қабулшудаи таъминкунӣ ин таҳвил аз анбор мебошад. Фурӯш аз анбор маънои онро дорад,

ки истеҳсолкунанда бояд ҳаҷми муайяни маҳсулотро ба ҳарос ва хавфи худ истеҳсол намуда, ба фурӯш умед бандад. Агар истеҳсолкунанда аз миқдори зарурӣ изофа истеҳсол кунад, вай ба хавфи мондан бо захираҳои зиёдатӣ дучор мешавад, ки фоидаро кам мекунад. Агар истеҳсолкунанда назар миқдор зарурӣ дар бозори рақобат кам истеҳсол кунад, вай фурӯш ва фоидаро гум мекунад.

Истеҳсолкунандагони тоҷик дар бозори рақобатӣ фаъолият мебаранд, ки дар онҷо асосан ба нархҳо, таҳвилгарони бузурги туркӣ ва эронӣ таъсир мекунанд ва набудани мол ба пули савдо ва фоида таъсири манфӣ мерасонад.

Қариб ҳама ширкатҳое, ки фурӯшро аз анбор амалӣ мекунанд, маҷбуранд, бозорро таҳлил намуда, фурӯшро пешгӯӣ кунанд. Миқдори зиёди ширкатҳое мавҷуданд, ки навъҳои зиёди маҳсулотро дар бисёри бозорҳои ҷуғрофӣ мефурӯшанд. Онҳо маҷбуранд, таҳлилу пешгӯии фурӯшро мувофиқи ҳам номгӯи маҳсулот ва ҳам навъҳои мол баранд. Ба ҳар ҳол, панди халқӣ мавҷуд аст, “ агар фурӯши шумо бо пешгӯии шумо рост ояд, бахти шумо омад кард”, аз ин рӯ ҳама ширкатҳо мекӯшанд, то каме захираи иловагии суғуртавӣ дошта бошанд.

Барои пешгӯӣ намудан, маълумотҳои такягоҳӣ доштан зарур аст. Чун қоида, ду усули асосии пешгӯии фурӯш истифода бурда мешавад – намунаи қаторҳои вақтӣ ва намунаи регрессионӣ. Таҳлили қаторҳои вақтӣ усули оддитарин ва дастраси пешгӯии фурӯш мебошад. Намунаҳои мухталифи таҳлили қаторҳои вақтӣ мавҷуданд. Барои фурӯшҳое, ки дорои омили мавсимӣ мебошанд, усули *ҳамворкунии экспонентсиалӣ аз рӯи методи Винтерс* беҳтарин ҳисобида мешавад. Ин усул декомпозитсияи маълумотҳои таърихӣ ва синтези пешгӯии умумиро дар асоси якчанд қисматҳои пешгӯӣ истифода мекунад. Таркиби пешгӯиҳо аз чунинҳо иборатанд (Расми 15):

- Тағйироти ҷузъии тасодуфӣ
- Тамоюл (тенденсия)
- Мавсимнокӣ
- Даврӣ будан

Бе мавҷудияти таърихи фурӯш пешгӯии дақиқ кардан ғайриимкон аст. Барои ҳамин, баромаданро ба бозори нав ҳамеша боэҳтиёт, мустақим ва ё тавассути миёнаравон, ки ба дӯши худ хавфҳои тиҷоратиро омода ҳастанд гиранд, гузаронидан лозим аст.

Бояд қайд намуд, ки дақиқии пешгӯӣ барои ҳар як бозор дар алоҳидагӣ ҳамеша паст аст, назар ба ҳосили ҷамъи бозорҳо, зеро хатогиҳои ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ ҷамъбаст мешаванд. Аз ин сабаб, дар ҳолати дастрасии нақлиётии мӯътадил, доштани як анбори минтақавӣ ва аз онҷо молро ба ҳамаи шаҳрҳои минтақа фиристодан бештар мувофиқи мақсад аст, назар ба доштани анборҳои зиёди хурд ва бо захираҳои ками молӣ дар ҳар як шаҳр.

Бо айнан ҳамин сабаб, пешгӯӣ намудани истеъмоли маҳсулоти ба намудҳои мухталифи борпеч баркашидаву қоғазпечшуда мушкилтар аст, назар ба арзёбӣ намудани ҳаҷми умумии фурӯши маҳсулоти барнакашидаву қоғазпечнашуда.

*Расми 15. Пешгӯии умумии фурӯш чун композитсияи иборат аз якчанд таркибдиҳандаи пешгӯӣ*




Печонидани маҳсулот ба борпечи мувофиқи истеъмолӣ ба таври қатъӣ ба фурӯш таъсир мерасонад. Хушкмева, чормағз ва асал – маҳсулоти хеле муфид мебошад. Гарчанде, дар асл танҳо бо истеъмоли ин маҳсулот ҳаёт ба сар бурдан мумкин аст ва эҳтимол умри тӯлонӣ дидан мумкин аст, аммо онҳо маҳсулоти эҳтиёҷоти аввалиндараҷа нестанд. Аз ин рӯ, назар ба баъзе маҳсулотҳои эҳтиёҷоти аввалиндараҷа (картошка, макарон ва ғ.), нафарони кам онҳоро ба миқдори зиёд ва борпечҳои калон харидорӣ мекунанд. Барои ҳамин, ба истеҳсолкунанда муҳим аст, ки намудҳои авлотари борпечро дар ин ва ё он бозорҳо дуруст муайян намуда, борпечро ҷолиб намояд. Агар истеҳсолкунанда ин корро карда натавонад ё ки хоҳиши карданро надошта бошад, ба ҳар ҳол касе дар занҷираи дистрибутсия бояд ин вазифаро ба ӯҳда гирад. Фаҳмидан муҳим аст, ки занҷирҳои дистрибутсия(тақсимот) бо якдигар рақобат мекунанд. Агар истеҳсолкунанда ва шарикони вай дар занҷира маҳсулоти босифатро дар борпечи босифат истеҳсол карда натавонанду маҳсулотро ба ҷойи зарурӣ расонида натавонанд, дар ин сурат тамоми занҷира фурӯшро талаф медиҳад.

Чун қоида, логистерон меҳисобанд, ки кастомизатсия(мувофиқкунӣ барои мизоҷ)-и маҳсулотро бояд дар зинаи дертари ҳаракати маҳсулот ба сӯи мизоҷи охирин гузаронд. Дар ҳақиқат, хушкмеваҳои борпечнашударо то ба талаботи мизоҷон бурдарасонида, дар бозори охирин ба борпечи мувофиқ печонидан мумкин аст(дар Москва, Екатеринбург ва ғ.). Агар маҳсулот пештар борпеч карда шавад, пай бурдани ҳаҷм ва ҷуғрофияи фурӯш аз эҳтимол дур мегардад. Аммо, барои истеҳсолкунандаи на чандон калон, ки худ қодир нест, тамоми занҷири дистрибутсияро назорат кунад, ин маънои онро дорад, ки борпечро касе аз шариконаш дар занҷири дистрибутсия мекунад. Аниқтараш ин корро ширкате, ки дар Россия ё кишвари дигар ба қайд гирифта шудаасту маҳсулоти тоҷикиро ворид мекунад, иҷро менамояд. Барои истеҳсолкунандаи тоҷик ва Тоҷикистон ин маънои онро дорад, ки арзиши иловагиро воридкунанда гузошта, вай даромади иловашударо низ мегирад.

## 6. НИГОҲДОРӢ, НИШОНГУЗОРӢ ВА КАШОНДАНИ МОЛ

Талабот ба борпеч ва нишонгузорӣ дар вақти боркашонии байналхалқӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо хеле ҷиддӣ назар ба боркашонӣ дар кишварҳои ИДМ мебошад. Аввалан, ин марбут ба он аст, ки ҳиссаи кори дастӣ дар вақти боркунӣ - борфарорӣ – нигоҳдории бор қариб дар ҳама кишварҳои Иттиҳоди Аврупо бағоят кам аст.

Стандарти борпечи логистикӣ дар Иттиҳоди Аврупо бо номи европаллета қабул шудааст, ки он зарфмонаки чубин бо андозаи 120 см бар 80 см мебошад. Мол ба ҳамин паллета гузошта мешавад ва бо стретч парда мустаҳкам карда мешавад, чуноне ки дар расми 16 нишон дода шудааст. Як паллета бо худ як воҳиди бориро ташкил дода, аз ин рӯ чунин нишонгузорӣ мешавад, ки ҳисоби анборӣ автоматикунонда шавад. Чун қоида, барои нишонгузории паллета штрих-кодкунӣ(рамзро бо рах ифодакунӣ) истифода мешавад, ба монанди оне, ки барои нишонгузории борпечи истеъмолӣ истифода мегардад. Танҳо фарқият дар он аст, ки барои нишонгузории борпечи истеъмолӣ стандарти EAN истифода гашта, барои паллета ва қуттиҳо GS1-128 истифода мешавад (Расми 17). Ба ғайр аз штрих-код, нишонгузорӣ ҳамаи маълумоти асосиро оиди мол дар шакли матн (номгӯй, артикул, миқдори қуттиҳо дар паллета, шумораи борпечи воҳидӣ дар қуттӣ, вазн, ҳаҷму андоза, талабот барои кашондан\нақл ва ғайра.) дорост. Барои хондани маълумот аз асбоби хониши штрих-кодҳо истифода мекунанд (Расми 18).

*Расми 16. Европаллета бо бор дар қуттиҳои картонӣ*
*Махзан:* http://www.packagingsupplies.com



*Расми 17. Штрих-кодҳои стандарти EAN (дар чап) ва* GS1-128 (дар рост)

5 060123 456783 >

(01)95012345678903(3103)000123

*Расми 18. Штрих-код ридер – асбоб барои хондани штрих-код (варианти анборӣ)*



Барои боркунӣ-борфарории паллет аробачаҳои дастӣ ва мошини худрави боркунанда истифода мешаванд (Расми 19). Вақт барои борфурории як еврофура (33 паллета) бо ёрии  мошини худрави боркунанда 30 дақиқаро ташкил медиҳад ва дар ин сурат танҳо як коргар истифода мешавад.

*Расми 19. Аробачаи дастӣ ва мошини худрави боркунанда*




Барои таъмин намудани сатҳи баланди нигоҳдорӣ дар анбор, барои нигоҳдории паллет стеллажҳо ба кор бурда мешаванд (Расми 20). Ғайр аз ин аксари анборҳо бо системаҳои иттилоотӣ (Warehouse Management Systems) муҷаҳҳаз шудаанд, ки ҳисоби нигоҳдорӣ ва ҳаракати борро дар паллетаҳо ба қайд мегиранд.

Ҳамин тавр, стандартҳои паллет, стеллажҳо, андозаи кузови нақлиёти автомобилӣ ва контейнерҳо ва системаҳои иттилоотӣ ба як системаи ягона алоқаманд мебошанд. Мисоли мазкур нишон медиҳад, ки кор бо истеъмолкунандагони аврупоӣ, аниқтараш барои содиркунандагони тоҷикӣ ва қирғизӣ маънои онро дорад, ки бояд ба технологияҳои логистикии мизоҷони хеш гузаранд.

*Расми 20. Стеллажҳо ба афзункунии зичии нигоҳдорӣ дар анбор имкон медиҳанд*



## 7. ХАРИДУФУРӮШИ ТИҶОРАТИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Фурӯши маҳсулот дар бозорҳои байналхалқӣ истифодаи воситаҳои байналхалқиро дар назар дорад. Яке аз воситаҳое, ки дар рисолаи оид ба дастрасӣ ба бозорҳои Иттиҳоди Гумрук мавриди муҳокима қарор дошт, ин маблағдиҳии тиҷоратӣ мебошад. Дар рисола инчунин воситаҳои зерини маблағдиҳии тиҷоратӣ муҳокима гардиданд.

- Аккредитивҳои документарӣ (ҳуҷҷатӣ)
- Инкассои документарӣ
- Кафолатҳои бонкии пардохт

Чунин намудҳои маблағдиҳии тиҷоратӣ ҳанӯз хеле суст дар фазои собиқ шуравӣ истифода мешавад, аммо ҳар қадаре, ки мизоҷ аз Осиёи Миёна дур буда, ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо наздик бошад, ҳамон қадар нақши зиёдро мебозад. Воситаҳои маблағдиҳии тиҷоратӣ ба пардохтҳо барои хизматрасонӣ тааллуқ доранд. Хизматҳои расонидашуда – ин таҳвили мол мувофиқи шартҳои шартнома мебошад.

Яке аз шартҳои асосии шартнома ба ғайр аз таснифоти маҳсулот ва тарзи пардохт ин тавсифи шарту шароитҳои таҳвил мебошад. Барои он ки байни фаҳмиши таҳвилкунанда ва мизоҷ нусхабадал пайдо нашудан, шартҳои таҳвил аз тарафи Палатаи савдои байналхалқӣ (International Chamber of Commerce) дар шартҳои базисӣ INCOTERMS стандартикунонида шуданд.

Шартҳои базисии таҳвил ба саволҳои зерин ҷавоб медиҳанд:

- Кӣ амалиётҳои нақлиётиро ташкил ва пардохт мекунад ва то кадом нуқта
- Кӣ хавфҳоро ба дӯш мегирад ва масъулиятро суғурта мекунад
- Кӣ ба расмият даровардани гумрукро иҷро намуда, боҷро пардохт мекунад

Ҷадвали 2 дорои руйхат ва тавсифи шартҳои базисии таҳвил INCOTERMS 2010 буда, расми 13 тафриқаи соҳаи масъулияти харидор ва фурӯшандаро ҳангоми шартҳои мухталифи базисии таҳвил манзур мекунад.

*Ҷадвали 2. Шартҳои базисии таҳвил INCOTERMS 2010*
*Махзан:* http://www.tamognia.ru/incoterms_2010

| Истилоҳ | Намуди нақлиёт | Шарҳ |
|---|---|---|
| **EXW** | Ҳама намудҳои нақлиёт | Ex Works ( ... named place)<br>Франко завод ( ... номи макон) |
| **FCA** | Ҳама намудҳои нақлиёт | Free Carrier (...named place)<br>Франко нақлкунанда (...номи макон) |
| **FAS** | Нақлиёти баҳрӣ ва дарунии обӣ | Free Alongside Ship (... named port of shipment)<br>Франко ба қади девораи киштӣ (... номи бандаргоҳи ҳамлу нақл) |
| **FOB** | Нақлиёти баҳрӣ ва дарунии обӣ | Free On Board (... named port of shipment)<br>Франко борт\девора (...номи бандаргоҳи ҳамлу нақл) |
| **CFR** | Нақлиёти баҳрӣ ва дарунии обӣ | Cost and Freight (... named port of destination)<br>Арзиш ва фрахт\киропулӣ (...номи бандаргоҳи таъиншуда) |
| **CIF** | Нақлиёти баҳрӣ ва дарунии обӣ | Cost, Insurance and Freight (... named port of destination)<br>Арзиш, суғурта ва фрахт\киропулӣ (...номи |

| | | |
|---|---|---|
| | | бандаргоҳи таъиншуда) |
| **CIP** | Ҳама намудҳои нақлиёт | Carriage and Insurance Paid To (... named place of destination)<br>Фрахт(киропулӣ)/боркашонӣ ва суғурта пардохт шудааст то (...номи макони таъиншуда) |
| **CPT** | Ҳама намудҳои нақлиёт | Carriage Paid To (... named place of destination)<br>Фрахт(киропулӣ)/боркашонӣ пардохт шудааст то (...номи макони таъиншуда) |
| **DAT** | Ҳама намудҳои нақлиёт | Delivered At Terminal (... named terminal of destination)<br>Таҳвил ба терминал (...номи терминал) |
| **DAP** | Ҳама намудҳои нақлиёт | Delivered At Point (... named point of destination)<br>Таҳвил дар нуқта\маҳал (...номи нуқта\маҳал) |
| **DDP** | Ҳама намудҳои нақлиёт | Delivered Duty Paid (... named place of destination)<br>Таҳвил бо пардохти боҷ (...номи макони таъиншуда) |

*Расми 21. Тафриқаи масъулияти харидор ва фурӯшанда ҳангоми шартҳои мухталифи базисии таҳвил*



## 8. ХУЛОСА

Дар рисолаи мазкур як қатор омилҳое, ки барои сохтани сохтори муосири тақсимоти хушкмева, чормағз ва асал имконият медиҳанд, мадди назар қарор доштанд. Нишон дода шуд, ки сохтори дистрибутсия(тақсимот) аз қисмҳои ба худ хоси сохтмонӣ иборатанд, ки бояд ба ҳам мувофиқ бошанду дар як сохтор дида шаванд.

Дар ин рисола назари васеъ ба рақобатнокӣ пешкаш гардидааст. Маълум гашт, ки рақобатнокӣ на танҳо байни истеҳсолкунандагон дар масоили сифат ва нархи маҳсулот, балки байни каналҳои тақсимоти маҳсулот дар бозор мавҷуд аст. Каналҳои нодуруст интихобшуда ба ҳаракти сусти маҳсулот дар бозор, гумшавии сифат ва хароҷоти барзиёд меорад, ки маҳсулотро ғайрирақобатнок мекунанд.

Дар канали тақсимот ба истеҳсолкунанда зарур нест, ки нақши асосиро бозад, аммо вай бояд дарк намуда, қарорҳоро оиди кадом амалиётҳои ҳаракати маҳсулотро дар бозор ба дӯши худ мегирад ва кадом амалиётҳоро шарикон дар занҷири тақсимот иҷро мекунанд, қабул намояд. Интихоби шарикон нақши муҳим мебозад.

Унсурҳои зерин дар сохтор бояд инкишоф ёбанд:

- Таҳия ва пешбарии бренд(тамға)-и хусусӣ кам кардани дарозии каналҳои дистрибутсияро тақозо мекунад.
- Пешбарии бренд(тамға)-и хусусӣ ташкили шабакаи фурӯшро дар кишварҳои-воридкунанда, бевосита ё тавассути тавзеъкунанда(дистрибютор)-и боэътимод дар назар дорад.
- Бренди хусусӣ истифодаи борпечи истеъмолии ҷолибро дар назар дорад.
- Иштироки бештар дар фурӯш дар кишварҳои-воридкунанда ва мавҷуд будани навъҳои васеи маҳсулоти борпечшуда таҳти бренд(тамға)-и хеш фаҳмиши беҳтари бозор ва пешгуии дақиқтари фурӯшро талаб мекунад.
- Барои дастгирии фурӯш дар минтақаҳо ташкил намудани захираҳои моли хеш дар бозори фурӯш зарур аст.
- Хатогиҳо дар пешгӯиҳо ба талафи даромад меорад.
- Хавфи пешгӯиро кам кардан мумкин аст, агар амалиётҳои борпечонӣ ба кишварҳои-воридкунанда кучонда шаванд, аммо арзиши иловагӣ на дар кишвари истеҳсол, балки дар кишвари воридкунанда ташкил ва андозгузорӣ мешавад.
- Ҳамроҳшавии Қирғизистон ва Тоҷикистон ба Иттиҳоди Гумрук ба зиёдшавии нақши нақлиёти автомобилӣ ва кам кардани дарозии каналҳои дистрибутсия(тақсимот) меоварад.
- Ҳама унсурҳои сохтори дистрибутсия ҳам ба фоида ва ҳам ба хароҷот таъсир мерасонанд. Ҳангоми қабули қарор оиди шакли сохтори дистрибутсия(тақсимот) арзёбии таъсири ҳар як қарорро ба фоиданокии соҳибкорӣ ва ба назар гирифтани хавфҳои тиҷоратии мавҷуда зарур мебошад.